# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Мубрам ва муҳим будани таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар он аст, ки мавзуи хеле муҳим - ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ, ки то ба имрӯз аз ҷониби олимону педагогҳои ҷумҳурӣ ба таври мукаммалу алоҳида таҳқиқи илмӣ-амалии он анҷом дода нашудааст, барои омӯзишу таҳқиқ интихоб ва коркард кардааст.

Дар диссертатсия ҷанбаҳои масъалаҳои асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ таҳқиқи бафарсӣ шуда, моҳият ва сохтори салоҳиятҳои касбӣ, равишҳои методологӣ ба таҳқиқи ташаккули салоҳиятҳои касбиро бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир дар заминаи таҳлили маводҳои илмии ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахлдори олимон, муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ , самтҳои назариявии аҳамияти илмӣ-педагогии вазъи салоҳиятҳои касбии донишҷӯён дар марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш мавриди баррасӣ қарор ёфта, ҷараёни баргузории таҳқиқоти озмоишии асосҳои назариявӣ ва шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ малакаҳои ва натиҷагирӣ аз онҳо шарҳу тавсиф шудаанд.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле дуруст ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки зарур аст, ки технологияҳои таълими ҷанбаи интерактивидошта, ки дар раванди такмили салоҳиятҳои касбии ДКТ смараи хуб намоиш доданд, амсоли навиштани иншо аз ҷониби донишҷӯён бо мулоҳизаҳо дар бораи равишҳои гуманистӣ нисбат ба тиб; ташкил ва гузаронидани лексияҳои проблемавӣ бо мубоҳисаи фаъолонаи иштирокдорон; муколамаҳо, ки дар ҷараёни онҳо иштирокдорон андешаҳои худро озодона баён мекунанд, ғояҳо меофаранд, баҳс мекунанд, таҳлил мекунанд, салоҳият ва масъалаҳои касбиро баррасӣ мекунанд, ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Арзишмандии кори диссертатсионии Маҳмудзода Қумринисоро ба таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- дастгоҳи илмии татқиқот мувофиқи талабот ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳҚиҚотӣ дар соҳаи педагогика таҳия ва роҳандозӣ карда шудааст;

- дар заминаи омӯхта шудани дараҷаи коркарди мавзуъ аз тарафи олимони тоҷику хориҷӣ паҳлӯҳои гуногуни ҷанбаҳо педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни

баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст ва дар ин замина пешниҳоду хулоса ва тавсияҳои методӣ манзур шудааст;

- мазмун ва муҳтавои кори диссертатсионӣ ба нақшаи таҳиякардашуда мувофиқат менамояд;

- муаллиф кушиш намудааст масъаларо вобаста ба талаботҳои ҷомеаи муосир ва имкониятҳои муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбӣ тархрезӣ ва татбиқ кунад. Барои иҷрои ин амал кӯшиш намудааст аз сарчашмаҳои мавҷудаи илмии зиёд оид мавзуи таҳқиқоташ бахрабардорӣ намуда, маводи назариявиро бо таҷрибаи амалӣ алоқаманд намояд;

- ташкилу баргузории кори озмоишӣ ба муаллиф имконият додааст, ки шароитҳои педагогӣ ва роҳу усулҳои самарабахши ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявиро муайян намуда, роҷеъ ба ин масъала андешаю тавсияҳои арзишманди худро иброз ва ироа намояд;

- хулосаҳо ба бобҳои аввал ва дуюм, хулосаи умумӣ ба мақсаду вазифаҳои татқиқот, мазмуни матн ва натиҷагирӣ аз қисмати назариявӣ ва амалии кор мувофиқат менамояд;

- ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ, осори адибон, анъанаву арзишҳои миллӣ, татқиқотҳои олимон ва ғайра хеле моҳирона ва хуб истифода кардааст.

Дигар аз корҳои шоёне, ки муҳаққиқи ҷавон дар раванди таҳқиқот анҷом додааст, аз ҷониби мавсуф ба субут расонидани таҳлилу арзёбииframework раванди таълиму тарбия дар асоси амсилаи коркардшуда мебошад. Дар ин қарина муҳаққиқ объективона андешаву хулосаҳои худро иброз намуда, таъкид кардааст, “...зарур аст, ки раванди таълими касбии донишҷӯён дар асоси ҳамгироии фанҳои гуногун тавассути интихоби маводи мувофиқи таълимӣ, андешаҳои муосир оид ба проблемаи саломатии инсон, истифодаи васеи методика ва технологияи муосири педагогӣ ва иттилоотӣ ба роҳ монда шавад”.

Бояд қайд намуд, ки натиҷаи амалии таҳқиқот ва тавсияҳои методие, ки таҳия ва ироа шуданд, имконият медиҳанд, ки ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ ичунин, роҳу усулҳо ва технологияи коркарду санҷидашудаи пешниҳодгардида метавонанд дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии кишвар мавриди истифода қарор гиранд; тавсияҳои методии таҳияшуда такмили сатҳи маърифатнокии донишҷуёнро дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ таъмин хоҳанд кард.

Хулоса, диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
мушовири ректори Донишкадаи
ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва
бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Собиров Сафарбек

03.04.2023

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 15; Телефон: (992 372) 227-63-91; Почтаи электронӣ: s.sobirov.dti@mail.ru

«Имзои Собиров Сафрбекро тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ Раҷабзода Б.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОТИБОТ